# Масеҳ 1



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


МАСЕҲ
САРЗАМИНИ ЯҲУДО БЕРУН АЗ ДЕВОРҲОИ УРШАЛИМ – ДАР РОҲ БА СӮИ БАЙТ-ЛАҲМ.
АЗ БОИСИ ФАРМОНИ ҲУКУМАТИ РУМ, ОДАМОН АЗ ТАМОМИ ЯҲУДО БОЯД БАРОИ САРШУМОРӢ БА ХОНАҲОИ АҶДОДОНАШОН БАРМЕГАШТАНД
ДАР БАЙНИ ОН МУСОФИРОНИ ЗИЁД МАРЯМ ВА ШАВҲАРАШ ЮСУФ НИЗ БУДАНД.
ОНҲО БОЯД АЗ ХОНААШОН ДАР НОСИРА БА БАЙТ-ЛАҲМ МЕРАФТАНД, КИ ДАР МАСОФАИ САДУ БИСТ КИЛОМЕТР БА ҶАНУБ БУД.
МАРЯМ, БИЁ БОЗМЕИСТЕМ. АҚАЛЛАН АНДАКЕ.
АҲВОЛАМ ХУБ АСТ, ЮСУФ.
ОХИР, МО ДАР ВАҚТИМУҚАРАРШУДА РАФТА РАСИДАНӢ ҲАСТЕМ.
ОДАТАН ЧУНИН САФАР ЧОР Ё ПАНҶ РӮЗ ДАВОМ МЕКАРД, АММО ВАҚТИ ТАВАЛЛУДКУНИИ МАРЯМ НАЗДИК ШУДА БУД
БАЙТ-ЛАҲМ БА ҲЕҶ КУҶО ҒАЙБ НАМЕЗАНАД. ҲАНГОМЕ МО МЕРАСЕМ, ОН ҲАНӮЗ ДАР ҶОЯШ ХОҲАД БУД
ҲА, ВА ҲАНГОМЕ БА ОН ҶО МЕРАСЕМ, ҲАМАИ ИН ИЗДИҲОМИ МАРДУМ НИЗ ДАР ОН ҶО ХОҲАНД БУД!
ТАШВИШ НАКАШ. МАН ДАР ОН ҶО ХЕШОВАНДОН ДОРАМ.
ТО ВАҚТИ ПАЙДО КАРДАНИ ОНҲО МО БА МЕҲМОНХОНА МЕРАВЕМ. ҲАМААШ ХУБ МЕШАВАД.
ЧУНОН КИ БОРҲО ДАР ЯКЧАНД МОҲИ ОХИР МЕКАРД, МАРЯМ БОЗ ОН ЧИРО, КИ БОИСИ ИН ВАЗЪИЯТ ШУДА БУД, БА ХОТИР ОВАРД.
МАН МЕДОНАМ, ЮСУФ. МАН МЕДОНАМ.
ЛУҚО 2:1-4
1


Ӯ ДУХТАРАКЕ АЗ ШАҲРАКИ НОСИРА БУДА, ФИКР МЕКАРД, КИ ҲАЁТИ АНЪАНАВӢ БА САР ХОҲАД БУД, КИ АЗ ҲЕҶ ҶИҲАТ ҶОЛИБИ ДИҚҚАТИ МАХСУС НЕСТ
Ӯ ВА ШАВҲАРАШ, ЮСУФ, НОМЗАД ШУДА БУДАНД, ВА ИН МАЪНОИ ОНРО ДОШТ, КИ ОНҲО БО ВАЪДАҲОИ НИКОҲӢ БА ҲАМ ПАЙВАСТ ШУДА БУДАНД.
АММО ОНҲО ҲАНӮЗ АЗ ҲАМ ҶУДО, ДАР ХОНАҲОИ ОИЛАҲОИ ХУД МЕЗИСТАНД.
АЗ РӮИ АНЪАНА, ҲАР ДУИ ОНҲО ИНТИЗОРИ ШАБЕ БУДАНД, КИ ПАДАРИ ЮСУФ ӮРО БАРОИ ОВАРДАНИ МАРЯМ МЕФИРИСТАД.
СИПАС БОЯД МАРОСИМИ ДУЮМ, МАРОСИМИ БОЗ ҲАМ ТАНТАНАНОКТАР ГУЗАРОНИДА МЕШУД.
ВА ОН ГОҲ ЮСУФ МАРЯМРО БА ХОНАИ ХУД МЕОВАРД, ТО КИ Ӯ ЗАНАШ ШАВАД.
МАРЯМ! ДИРӮЗ МАН ДИДАМ, КИ ҶӢ ТАВР ЮСУФ ДАР ХОНАИ НАВИ ХУД МЕҲНАТ КАРДА ИСТОДААСТ!
ТУРО БА ДУРЕДГАР ДОДАНИ ВОЛИДОНАТ ХЕЛЕ ХИРАДМАНДОНА АСТ!
Ӯ ОДАМИ ХУБ АСТ!
ИН РОСТ АСТ!
КОШКИ ҲАЁТИ ЯКҶОЯИ ОНҲО САР ШАВАД.
МАРЯМ МЕДОНИСТ, КИ ЮСУФ, МАРДИ МЕҲНАТДӮСТ ВА ХУДОТАРС, ШАВҲАР ВА ПАДАРИ ХУБЕ МЕБУД.
ОНҲО ДАР НАҚША ДОШТАНД ДАР ХОНАЕ КИ ЮСУФ НАЗДИ ХОНАИ АҲЛИ ОИЛААШ ДАР НОСИРА СОХТА БУД, ЗИСТА, ОНРО АЗ КӮДАКОН ПУР КУНАНД ВА ТО ПИРОНСОЛӢ ЯКҶОЯ ЗИНДАГӢ КУНАНД.
АММО ИН ФАҚАТ НАҚШАИ МАРД ВА ЗАНИ ҶАВОН БУД, ВА БА ЗУДӢ ИН НАҚШАҲО БОЯД ҚАТЪИЯН ДИГАРГУН МЕШУДАНД.
САЛОМ БАР ТУ, МАРЯМ...



ЛУҚО 1:26-28


ЧӢ... ТУ ЧӢ МЕХОҲӢ...
НАТАРС, МАРЯМ!
ТУ НАЗДИ ПАРВАРДИГОР ФАЙЗ ЁФТАЙ!
БА ЗУДӢ ТУ ҲОМИЛА ШУДА, ПИСАРЕ ХОҲӢ ЗОИД.
ВА ӮРИ ИСО ХОҲӢ НОМИД.


МАН?
ҲА.
ТУ.
Ӯ ПИСАРИ ҲАҚҚИ ТАОЛО НОМИДА ХОҲАД ШУД!
ПАРВАРДИГОР ХУДО ТАХТИ ПАДАРАШ ДОВУДРО, КИ ШУМО АВЛОДОНАШ ҲАСТЕД, БА Ӯ ХОҲАД ДОД ВА Ӯ БАР ХОНАДОНИ ЯЪҚУБ ТО АБАД ҲУКМРОНӢ ХОҲАД КАРД!
АММО...
ИН ЧӢ ГУНА МЕШАВАД? ЮСУФ ВА МАН... ҲАНӮЗ БО ҲАМ НА...
МАН ҲАЗӮЗ БОКИРА ҲАСТАМ.
МАРЯМ, ОН ҚУДДУСЕ КИ ТАВАЛЛУД МЕКУНӢ, ПИСАРИ ХУДО НОМИДА МЕШАВАД!
БАРОИ ХУДО ҲЕҶ ЧИЗИ ҒАЙРИИМКОН НЕСТ!
ҲАТТО ЭЛИШОБАЪ, ХЕШИ ТУ, КИ АЗ ҶАВОНӢ БЕНАСЛ БУД, ДАР ПИРОНСОЛӢ ҲОМИЛА ШУДААСТ!
МАН...
МАН КАНИЗИ ПАРВАРДИГОР ҲАСТАМ.



ЛУҚО 1:32-37


ҲАЁТИ МАРЯМ ЯГОНА ҲАЁТ НАБУД, КИ БО ПАЁМИ ФАРИШТА ТАҒЙИР ЁФТ.
ЮСУФ! МАН БОЯД БО ТУ ГУФТУГӮ КУНАМ!
МАРЯМ!
НИГАР! МАН БА НАҚША ГИРИФТАМ, КИ ҲАНГОМЕ ФАРЗАНДДОР МЕШАВЕМ, ДАР КУҶО СОКИН МЕШАВЕМ!
ВА МАН ДОНИСТАНӢ ҲАСТАМ, КИ ТУ ОТАШДОНИ ДЕВОРИРО ДАР КУҶО ҶОЙ ДОДАНӢ ҲАСТӢ!
ЧӢ ШУДААСТ, МАРЯМ?
ТАШВИШ НАКАШ, МАН ТО МАРОСИМИ БАЗМИ АРӮСИЯМОН СОХТМОНИ ИН ХОНАРО БА ОХИР МЕРАСОНАМ!
ЮСУФ, МАН ДАР ИН БОРА ТАШВИШ НАМЕКАШАМ... МАН БОЯД БА ТУ ЯК ЧИЗИ МУҲИМРО ГӮЯМ.
ВА ЮСУФ ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ МАРЯМ ГУФТ, ГӮШ КАРД.
...ВА АКНУН ДАР БАТНИ МАН ТИФЛЕ ҲАСТ, ЮСУФ.
ТУ ИНТИЗОРИ ОН ҲАСТӢ, КИ МАН БА ИН БОВАР МЕКУНАМ?
МАН ИН ҚАДАР ВАҚТРО БАРОИ СОХТАНИ ХОНА БАРОИ ТУ ВА ФАРЗАНДОНАМОН САРФ КАРДАМ....
БИРАВ АЗ ИН ҶО, МАРЯМ.
ХОҲИШ МЕКУНАМ.

МАТТО 1:18


ПАС АЗ МУДДАТЕ МАРЯМ БА БОЗДИДИ ХЕШАШ ЭЛИШОБАЪ РАФТ. ОН МАҲАЛЛИ КӮҲСОР, ДАР ЯҲУДО, БЕРУН АЗ ҲУДУДИ НОСИРА БУД.
ТАШАККУР, КИ БА МАН ҲАМРОҲӢ КАРДӢ, ЗАКАРЁ.
КӮДАКИ ЭЛИШОБАЪ... ОЁ ТУ МЕТАВОНӢ БИГӮӢ, КИ ЧӢ ТАВР?
МАРЯМ! ДУХТАРАКИ АЗИЗ ВА ҶАВОН!
САЛОМ, ЭЛИШОБАЪ.
ЭЛИШОБАЪ, ОЁ АҲВОЛИ ЗАКАРЁ ХУБ АСТ? Ӯ СУХАНЕ НАГУФТ...
ООО!
ЭЛИШОБАЪ! ИН КӮДАК АСТ?
ҲА! ҲА! ВА НА ОН ЧИ ТУ ФИКР КАРДӢ!
ВА ЭЛИШОБАЪ АЗ РӮҲУЛҚУДС ПУР ШУД.
МАРЯМ, ТУ ДАР МИЁНИ ЗАНОН МУБОРАК ҲАСТӢ!
ВА МУБОРАК АСТ САМАРИ БАТНИ ТУ!
МАН НИЗ МУБОРАК ҲАСТАМ! ЗЕРО БА ХОНАИ МАН ХЕШАМ ОМАДААСТ – МОДАРИ ХУДОВАНДАМ!
ОҲ, ЭЛИШОБАЪ! ЧӢ ТАВР... ТУ ЧӢ ТАВР ФАҲМИДӢ?
МАРЯМ, ҲАМИН КИ СУХАНОНИ ТУРО ШУНИДАМ, ТИФЛ АЗ ШОДӢ ДАР ШИКАМАМ БА ҶУНБИШ ОМАД!
МАНУ ТУ БОЯД БИСЁР ЧИЗҲОРО БО ҲАМ МУҲОКИМА НАМОЕМ...

ЛУҚО 1:39-45


...АЗ ҲАМИН САБАБ, ҲАНГОМЕ МАРО БА МЕҲМОНӢ ДАЪВАТ НАМУДӢ, МАН ШОД ШУДАМ, ЭЛИШОБАЪ.
ЮСУФ МЕТАВОНИСТ САНГСОР КАРДАНИ МАРО ТАЛАБ КУНАД.
АММО Ӯ ЧУНИН МЕҲИСОБАД, КИ ПИНҲОНӢ ҶУДО ШУДАН РОҲИ ҲАЛЛИ БЕҲТАРИН АСТ: Ӯ БО ЗАНИ ЗИНОКОР ОИЛАДОР НАМЕШАВАД, ВА МАН МЕТАВОНАМ КӮДАК ТАВАЛЛУД КАРДА ДАР ОИЛАИ ХУД ЗИНДАГӢ КУНАМ.
Ӯ ОДАМИ ХУБ АСТ, МАРЯМ. БА Ӯ ВАҚТ ДЕҲ.
ТУ ПУРСИДӢ, КИ ОЁ АҲВОЛИ ЗАКАРЁ ХУБ АСТ. ОЁ МЕДОНИСТӢ, КИ НАЗДИ Ӯ НИЗ ФАРИШТА ОМАДА БУД?
ЗАКАРЁ ВА МАН ҲЕҶ ГОҲ ФАРЗАНД НАДОШТЕМ, АММО НА АЗ САБАБИ ОН КИ НАМЕХОСТЕМ.
МО КӮШИШҲО КАРДЕМ. МО ДУО МЕГУФТЕМ. МО ГАРДАН ФАРОВАРДЕМ.
МО БА ХУЛОСА ОМАДЕМ, КИ ФАРЗАНДДОРО ШУДАН НАСИБИ МО НЕСТ, ВА БОВАРӢ ДОШТЕМ, КИ Ӯ БАРОИ МО НАҚШАИ МАХСУСЕ ДОРАД.
АММО ҲАНГОМЕ КИ ЗАКАРЁ ҲАНГОМИ НАВБАТИ ХИЗМАТИ КОҲИНӢ ДАР УРШАЛИМ БУД, АЗ РӮИ ҚУРЪА ИНТИХОБ ШУД, КИ БА ҚУДС ДАРОМАДА, БУХУР СӮЗОНАД.
КОҲИНОН БА ҚУДС ТАНҲО МЕДАРОЯНД, АММО ЗАКАРЁ ҲИС КАРД, КИ Ӯ ТАНҲО НЕСТ!
НАТАРС, ЗАКАРЁ. ДУОҲОИ ТУ ШУНИДА ШУДАНД.
ТУ ВА ЗАНАТ ЭЛИШОБАЪ БА ҚАРИБӢ ПИСАРДОР МЕШАВЕД.
ТУ ӮРИ ЯҲЁ НОМ МЕГУЗОРӢ, ВА Ӯ БА ХОНАДОНИ ТУ ШОДӢ МЕОВАРАД.
БИСЁР КАСОН АЗ ТАВАЛЛУД ШУДАНИ Ӯ ШОД МЕШАВАНД!



Ӯ БИСЁР КАСОНРО БА ХУДОВАНД ХУДО БОЗГАШТ МЕКУНОНАД, ВА ПЕШОПЕШИ Ӯ БО РӮҲ ВА ҚУВВАИ ИЛЁС ҚАДАМ МЕЗАНАД!
Ӯ ДИЛҲОИ БЕИТОАТРО БА ҲИКМАТИ РОСТКОРОН БАРМЕГАРДОНАД!
Ӯ ХАЛҚРО ОМОДА МЕКУНАД ВА БАРОИ ХУДОВАНДИ МЕОМАДА РОҲРО ТАЙЁР МЕНАМОЯД!
ВА ШАВҲАРИ МАН, КИ КОҲИН, МУАЛЛИМ АСТ, БА ОН ФИРИСТОДАИ ХУДО ЧУНИН ГУФТ:
ИН ЧӢ ТАВР ШУДА МЕТАВОНАД? ЗАНАМ ВА МАН АЛЛАКАЙ ПИР ШУДАЕМ!
МАН ҶАБРОИЛ ҲАСТАМ, КИ БА ҲУЗУРИ ПАРВАРДИГОР МЕИСТАМ. Ӯ МАРО ФИРИСТОДААСТ, ТО БО ТУ СУХАН РОНАМ ВА ИН МУЖДАРО БА ТУ РАСОНАМ!
АКНУН БОШАД, ТО РӮЗИ БА АМАЛ ОМАДАНИ ИН ТУ ИМКОНИЯТИ ГАП ЗАДАН НАХОҲӢ ДОШТ, ЗЕРО БА СУХАНОНИ МАН БОВАР НАКАРДӢ!
БА МАН МУДДАТЕ ДАРКОР ШУД, ТО ИН ВОҚЕАРО ФАҲМАМ, ЗЕРИ Ӯ ТАНҲО БО ИМОВУ ИШОРА ВА ХАТЧАҲО МУОШИРАТ КАРДА МЕТАВОНАД.
ОН ЧИ ФАРИШТА ГУФТ, ИҶРО ШУДАН ГИРИФТ: ЗАКАРЁ ГАП ЗАДАН НАМЕТАВОНАД, ВА ТИФЛ ДАР БАТНИ МАН НАШЪУНАМО КАРДА ИСТОДААСТ.
ЗАКАРЁИ МАН ДАРСРО АЗ ХУД НАМУД.
ЮСУФИ ТУ ЧӢ? Ӯ НИЗ АЗ ХУД МЕКУНАД.
МАН БА ИН УМЕД ВОРАМ, АММО МЕДОНАМ, КИ Ӯ ДАР ХУСУСИ МАН ЧӢ ФИКР ДОРАД...
ПАРВАРДИГОР ҲАҚИҚАТРО АЗ ЮСУФ ПИНҲОН НАМЕКУНАД, ВА ҲАНГОМЕ ҲАҚИҚАТ БА Ӯ ОШКОР МЕШАВАД, Ӯ НИЗ, МОНАНДИ ТУ, ХОҲИШ ПАЙДО МЕКУНАД, КИ БА ПАРВАРДИГОР ХИЗМАТ НАМОЯД.
МАН... МАН УМЕДВОРАМ.
МАРЯМ ҚАРИБ СЕ МОҲ ДАР ХОНАИ ЭЛИШОБАЪ БУД.
ДАР ВАҚТИ МУАЙЯНШУДА ЭЛИШОБАЪ ПИСАР ТАВАЛЛУД КАРД. ҲАМСОЯҲО ВА ХЕШОВАНДОНАШ ҲАМРОҲИ Ӯ ХУРСАНДӢ КАРДА, ЗЕРО ФАҲМИДАНД, КИ ПАРВАРДИГОР БА Ӯ МАРҲАМАТИ БУЗУРГЕ ЗОҲИР НАМУДААСТ.
ДАР РӮЗИ ҲАШТУМИ ТАВАЛЛУД ШУДАНАШ ПИСАРРО БАРОИ ХАТНА БА МАЪВАД БУРДАНД.
МАН УМЕД ДОШТАМ, КИ ТОО ОН ВАҚТ ЗАКАРЁ БА СУХАН ГУФТАН САР МЕКУНАД.
МАН АЗ Ӯ ДАР БОРАИ ВОХӮРИЯШ БО ФАРИШТА ПУРСИДАНӢ БУДАМ.
МАН ФАҚАТ УМЕДВОРАМ, КИ Ӯ ҲАНГОМИ ХАТНАИ ПИСАРАШ ГАП ЗАДАН МЕТАВОНАД.
ЛУҚО 1:16-20


МАН ТАХМИН МЕКУНАМ, КИ ПИСАР БА ШАРАФИ ПАДАРАШ ЗАКАРЁ НОМИДА МЕШАВАД.
НЕ!
ЯҲЁ! НОМИ Ӯ ЯҲЁ ХОҲАД БУД!
АММО МАН ДАР БАЙНИ АҶДОДОНИ Ӯ КАСЕРО БО ИН НОМ НАМЕДОНАМ!
ОЁ ДАР БАЙНИ АҶДОДОНИ ТУ ЯҲЁҲО БУДАНД?
НЕ, АММО Ӯ БОЯД ЯҲЁ НОМИДА ШАВАД!
МАГАР НОМИ ХУБЕ АЗ АҶДОДОНИ ХУД БА Ӯ НАМЕДИҲЕД?
МАН КАСЕРО АЗ АҶДОДОН НАМЕДОНАМ, КИ ЧУНИН НОМ ДОШТА БОШАД!
ЗАКАРЁ, ТУ ЧӢ ФИКР ДОРӢ?
ЯГОН КАС БА Ӯ ТАХТАЧАЕ ДИҲАД!
НОМИ Ӯ ЯҲЁСТ.
ХЕЛЕ ХУБ, ПАС Ӯ ЯҲЁ ХОҲАД БУД!
ПАРВАРДИГОРРО ҲАМДУ САНО БОД!!!
ХУДОРО ҶАЛОЛ ДИҲЕД, ЗЕРО Ӯ ХАЛҚИ ХУДРО НАҶОТ ДОДААСТ!
ВА ТУ, ПИСАРАМ, ПАЙҒАМБАРИ ХУДО МЕШАВӢ, КИ ХАЛҚРО БАРОИ НАҶОТ ВА БАХШИДАШАВИИ ИЛОҲӢ ТАЙЁР МЕКУНӢ!
ВА ҲАМАИ ҲОЗИРОН БО ТАРСИ ЭҲТИРОМОНА ПУР ШУДАНД; ВА ОН ЧИРО, КИ БО ЗАКАРЁ ВА ЭЛИШОБАЪ РӮЙ ДОД, ДАР САР ТО САРИ ЯҲУДО НАҚЛ МЕКАРДАНД.
ЛУҚО 1:59-64


БА НОСИРА БАРГАШТА, ЮСУФ ДАР ХУСУСИ ОН ЧИ ПЕШТАР ҒАЙРИИМКОН МЕТОФТ, АНДЕША МЕНАМУД.
Ӯ ФИКР МЕКАРД, КИ НАҚШАИ Ӯ ХУБ АСТ.
НАҚШАИ Ӯ ҲАЁТИ МАРЯМРО НИГОҲ МЕДОШТ ВА БА Ӯ ИМКОН МЕДОД, КИ ДАР НАЗДИ ХУДО РОСТКОР МОНАД...
АММО ЧАРО ИН НОДУРУСТ МЕТОФТ?
ХУДОВАНДО, МАН БОЯД ЧӢ КУНАМ?
ИН ХОНА БОЯД ХОНАИ МО МЕШУД.
ҲАЁТИ МО!
ЧАРО МАРЯМ ҲАЁТИ МОРО ИН ТАВР ВАЙРОН КАРД?
БА МАН ОШКОР НАМО.
ЮСУФ?
МАТТО 1:19-20


НАТАРС, ЮСУФ!
АЗ ГИРИФТАНИ ЗАНИ ХУД МАРЯМ НАТАРС!
Ӯ РОСТ МЕГӮЯД: ТИФЛ ДАР БАТНИ Ӯ – АЗ РӮҲУЛҚУДС АСТ, ВА Ӯ ПИСАР ТАВАЛЛУД МЕКУНАД!
ТУ, ЮСУФ, ӮРО ИСО ХОҲӢ НОМИД, ЧУНКИ Ӯ ХАЛҚИ ХУДРО АЗ ГУНОҲҲОЯШОН НАҶОТ МЕДИҲАД!
ЧӢ...
ЧӢ РӮЙ ДОД?
ҲАНГОМЕ ЮСУФ БЕДОР ШУД, Ӯ ФАРМУДАИ ФАРИШТАИ ХУДОВАНДРО ИҶРО КАРД.

МАТТО 1:20-25






ЛУҚО 1:57-58, МАТТО 1:24-25


...ЧУНКИ ЧАНДЕ ПАС АЗ ТӮЙИ ОНҲО ФАРМОНЕ БАРОМАД, КИ ТАМОМИ МАРДУМ БА МАҲАЛЛИ ЗИСТИ АҶДОДНАШОН БАРГАРДАНД.
ВА БОЗ МАРЯМ ВА ЮСУФ БО РОҲИ ПЕШБИНИНАШУДА МЕРАФТАНД.
АММО ҲАР ДУО ОНҲО БА ПАРВАРДИФГОР УМЕД МЕБАСТАНД, ЗЕРО МЕДОНИСТАНД, КИ БО РОҲИ Ӯ РАВОНААНД.
ЮСУФ, МАН БОЗ КАМЕ РОҲ РАФТА МЕТАВОНАМ.
ШОЯД ТУ МЕТАВОНӢ, АММО ЧУНИН КАРДАНАТ ЧӢ ДАРКОР АСТ, ҲАНГОМЕ ИН ЗАРУР НЕСТ?
БИЁ ПЕШ МЕРАВЕМ.
ВАГАРНА ҲАМАИ ҲУҶРАҲОИ ХУБ БАНД КАРДА МЕШАВАНД!
БАРГАРДЕД! БА ХОНА БАРГАРДЕД!
БАРОИ ЧӢ ШУМО ДАР ИН САРШУМОРӢ ИШТИРОК КАРДА, БА ХАЛҚЕ КИ ЗАМИНИ МОРО ЗАБТ КАРДААСТ, ИТОАТ МЕНАМОЕД?
РУМ БА МО ҲЕҶ ЧУНА АЛОҚА НАДОРАД! ҚАЙСАР ХУДРО ХУДО ЭЪЛОН МЕКУНАД, АММО МО ТАНҲО ЯК ХУДОРО ПАРАСТИШ МЕКУНЕМ!
ЯГОН КАС БОЯД ИНРО БА ИН ПОДШОҲАМОН ҲИРОДУС ФАҲМОНАД!
МО АЛЛАКАЙ ҚАРИБ ОМАДЕМ! БАЙТ ЛАҲМ! ХОНАИ АҶДОДОНАМОН! ҶОЕ КИ ПОДШОҲ ДОВУД ТАВАЛЛУД ШУДААСТ!
ВА ҶОЕ КИ ИН КӮДАК ТАВАЛЛУД МЕШАВАД. ЮСУФ, МО БОЯД ҶОЕ ЁБЕМ, КИ ШАБРО ГУЗАРОНЕМ.
ВА ЗУДТАР.
ИМРӮЗ МО ҶОЙГАҲИ ГАРМ ХОҲЕМ ДОШТ, ВА ПАГОҲ БО АҲЛИ ОИЛАИ МО ВОМЕХӮРЕМ.
ВА ОНҲО ХУШНУДОНА ЯКҶОЯ БА ИН РОҲ РАВОНА ШУДАНД.

ЛУҚО 2:1-5


УРШАЛИМ
ПОДШОҲ ҲИРОДУС!
ТУ ФИРИСТОДАИ ВОЛӢ КИРИНИЮС ҲАСТӢ, ҲАМИН ТАВР НЕ?
ХУШ ОМАДЕД! ЧӢ ХИЗМАТ?
ВОЛӢ КИРИНИЮС МЕХОҲАД ДОНАД, КИ САРШУМОРӢ ЧӢ ТАВР ПЕШ РАФТА ИСТОДААСТ, ПОДШОҲ ҲИРОДУС.
КИРИНИЮС ВОЛИИ СУРИЯ АСТ, ВА НА...
ФАРОМӮШ НАКУНЕД, ПОДШОҲ ҲИРОДУС – КИРИНИЮС ШОЯД ВОЛИИ ЯҲУДО НАБОШАД...
...АММО Ӯ БАР ШУМО ҲУКМФАРМОСТ.
БА КИРИНИЮС РАСОНЕД, КИ АЗ ЗАМОНИ ОМАДАНИ ФИРИСТОДАИ ЯКУМИ Ӯ КОР ТАҲРИКИ ТОЗАЕ ГИРИФТААСТ.
ОДАМОН БА ШАҲРҲОИ АҶДОДОНАШОН МЕРАВАНД, ЧУНОН КИ РУМ ТАЛАБ МЕКУНАД, АММО ДАР БАЪЗЕ МАҲАЛҲО ИСЁНҲО ВА ШӮРИШҲО ҲАСТАНД.
ФАРМОНИ Ӯ ҚИСМИ ЗИЁДИ НЕКХОҲИИ МАРО НИСБАТ БА ИН МАРДУМ АЗ БАЙН БУРДААСТ.
ҲМММ…
САРШУМОРӢ БА МАҚСАДИ МУАЙЯН ХИЗМАТ МЕКУНАД.
ОН НИШОН МЕДИҲАД, КИ КӢ БА РУМ ВАФОДОР АСТ, ВА КӢ НЕ, ҲАМЧУНИН, АЗ ОН ҶУМЛА, БА ФИКРАМ, БА ТУ.
ШӮРИШҲОЕ КИ ТУ ЗИКР КАРДӢ, БА МО АСОС МЕДИҲАНД БИНЕМ, КИ КАДОМ ИСЁНҲО БАР ЗИДДИ РУМ ДАР МИНТАҚАИ ШУМО БА МИЁН ОМАДА МЕТАВОНАНД.
ТУ ХАБАР НАДОДӢ, КИ АЗ АФТИ КОР, ФАРИСИЁНИ МИНТАҚАИ ШУМО ДАР САРШУМОРӢ ИШТИРОК КАРДАН НАМЕХОҲАНД.


ЛУҚО 2:1


САРШУМОРӢ ҲАНӮЗ БА ОХИР НАРАСИДААСТ.
ТУ МЕТАВОНӢ БА ВОЛӢ КИРИНИЮС ГӮӢ, КИ ҲАМААШ ХУБ ПЕШ РАФТА ИСТОДААСТ.
ВА ТУ МЕТАВОНӢ БА Ӯ ГӮӢ, КИ БАРОИ ТАФТИШ КАРДАНИ МАН ФИРИСТОДАНИ ХУШОМАДГӮЁНАШ ЗАРУР НЕСТ.
МЕРАВЕМ.
ОЁ МАҚОЛЕРО ШУНИДАЕД, КИ ҚАЙСАР ДАР БОРАИ ИН ПОДШОҲ ҲИРОДУС НАҚЛ МЕКУНАД?
ЧӢ НАҚЛ МЕКУНАД?
ҚАЙСАР МЕГӮЯД: «ДАР ХОНАИ ҲИРОДУС ЯКЕ АЗ ХУКҲО БУДАНРО АФЗАЛТАР АЗ ОН МЕҲИСОБАМ, КИ ЯКЕ АЗ ПИСАРОНИ Ӯ БОШАМ».
ҲИРОДУС ХУДРО ЯХУДӢ ВОНАМУД МЕКУНЕД, ВА ГӮШТИ ХУК НАМЕХӮРАД, ЗЕРО УМЕД ДОРАД, КИ МАРДУМ ӮРО ҚАБУЛ МЕКУНАНД.
АММО Ӯ АЪЗОЁНИ ОИЛАИ ХУДРО БА ТИМСОҲҲО ХӮРОНД, ЗЕРО МЕТАРСИД, КИ ОНҲО БА ТАХТИ Ӯ ТАҲДИД МЕКУНАНД.
АГАР МАН НАМОЯНДА АЗ РУМ НАМЕБУДАМ, Ӯ МАРО БА ТИМСОҲҲО МЕДОД.
ИН ШАХС БАРОИ НИГОҲ ДОШТАНИ ТАХТИ ХУД ҲАМА КОРРО МЕКУНАД...
...ҲАМА КОРРО».



БАЙТ-ЛАҲМ.
БЕГОҲИИ БЕВАҚТ.
ҲАТТО АГАР МАН МЕДОНИСТАМ, КИ ХЕШОВАНДОНАМРО ДАР КУҶО ҶУСТУҶӮ КУНАМ, АЗ ЭҲТИМОЛ ДУР АСТ, КИ ОНҲОРО БА ЗУДӢ ЁФТА ТАВОНАМ.
БИЁ АВВАЛ ЯГОН ҶОЙ МЕЁБЕМ, КИ ЯКЧАНД РӮЗ ДАР ОН ҶО МОНДА ТАВОНЕМ.
МО ХЕШОВАНДОНАМОНРО ДЕРТАР ҶУСТУҶӮ КАРДА МЕТАВОНЕМ. МАН БОЯД... ОҲ! – ДАРОЗ КАШАМ.
ИН НА ОН ЧИЗЕСТ, КИ МАН ИНТИЗОР БУДАМ.
АҲВОЛАТ ХУБ АСТ?
ТАХТАПУШТАМ КАМЕ... НОРОҲАТ ШУДААСТ. БИЁ ЗУДТАР МЕҲМОНХОНАЕ ПАЙДО МЕКУНЕМ...
ХОНУМ, ХОҲИШ МЕКУНАМ, ОЁ БАРОИ МО ҲУҶРАЕ ДОРЕД?
МАН ҲУҶРАИ ХОЛӢ НАДОРАМ. ҲАР ДУ ҲУҶРАРО ҲАНӮЗ ЯК ҲАФТА ПЕШ БА ИҶОРА ДОДА БУДАМ!
МО УМЕДВОРЕМ, КИ ШУМО ҲУҶРАЧАИ ХУРДАКАКЕ ДОРЕД.
МО ҲАТТО ТАЙЁРЕМ ДАР ОН ҲАМРОҲИ ДИГАРОН СОКИН ШАВЕМ.
БУБАХШЕД, АММО ОИЛАЕ КИ ҲУҶРАИ БОЛОИРО БА ИҶОРА ГИРИФТААСТ, ШАРИКОНРО НАМЕХОҲАД, ВА МАН ХУДАМ ДАР ҲУҶРАИ ПОЁНӢ ҲАМРОҲИ ДИГАР ОИЛА ЗИНДАГӢ КАРДА ИСТОДААМ.
ДАР ХОНА КАСЕ ҲАСТ? ҶАВОБ ДИҲЕД!
БИЁ МЕРАВЕМ, ЮСУФ, ОНҲО ДАРРО НАМЕКУШОЯНД.
АЗ ҒАЛОҒУЛА МАЪЛУМ АСТ, КИ ХОНА ПУРИ ОДАМОН АСТ.
ХОҲИШ МЕКУНАМ, ХОҶААМ, ҲЕҶ КАС БАРОИ МО ҲУҶРАИ ХОЛӢ НАДОРАД.
МАН АФСӮС МЕХӮРАМ!
БА МО ФАҚАТ САРПАНОҲ ДАРКОР АСТ. МЕБИНЕД, ЗАНИ МАН...
ҲА! БЕҲТАР ОН АСТ, КИ ҲАРЧИ ЗУДТАР ҲУҶРАЕ ЁБЕД – Ӯ БА ЗУДӢ ТАВАЛЛУД МЕКУНАД!


ЛУҚО 2:6-7


ХОҶААМ, ИЛТИМОС, ЗАНАМ ВА МАН БА САРПАНОҲ ЭҲТИЁҶ ДОРЕМ.
БА МО ЧИЗИ БИСЁР ДАРКОР НЕСТ – ФАҚАТ ҶОЙЕ КИ ДАР ОН АЗ ХУНУКӢ ПАНОҲ БУРДА ТАВОНЕМ.
ШУМО БОЯД БАРВАҚТТАР МЕОМАДЕД.
ҲА.
МАН БАРОИ ШУМО ҲУҶРА НАДОРАМ.
АММО МАН БАРОИ ШУМО ЧИЗИ ДИГАРЕ ДОРАМ.
АГАР БА ШУМО МАЪҚУЛ БОШАД, МАН БАРОИ ЯКЧАНД РӮЗ БАРОЯТОН САРПАНОҲ ДОДА МЕТАВОНАМ.
АЛБАТТА, ИН ОН ҚАДАР САРПАНОҲИ ХУБ НЕСТ.
АММО ОН ҶО ХУШК ВА ГАРМ АСТ, ВА ИН АРЗОН АСТ.
ТАШАККУР, ХОҶААМ.
БА ИН ҶО ДАРОЗ КАШ.
КӮШИШ КУН БАРОҲАТТАР ҶОЙ ГИРӢ.
ЮСУФ, БА МО МОМОДОЯ ДАРКОР МЕШАВАД.
АЛБАТТА.
ПАС АЗ ЯКЧАНД РӮЗ МО МЕТАВОНЕМ ХЕШОВАНДОНИ МАРО ЁБЕМ. БОВАРӢ ДОРАМ, ОНҲО АЗ КУҶО ЁФТАНИ МОМОДОЯРО МЕДОНАНД.
ЮСУФ, МАНУ ТУ ТАВАЛЛУДИ ШУДАНИ ИН КӮДАКРО МУСТАҚИЛОНА ҚАБУЛ КАРДА НАМЕТАВОНЕМ!
ХУБ, МАН ПАГОҲ БО СОҲИБИ МЕҲМОНХОНА ГАП МЕЗАНАМ...
ҲОЗИР!

ЛУҚО 2:6-7


ОҲ!
АММО МАН НАБОЯД ТУРО ТАНҲО МОНДА РАВАМ!
АЛЛАКАЙ ВАҚТ РАСИДААСТ, ЮСУФ.
БА ФИКРАМ, МАН ҲОЗИРАКАК ТАВАЛЛУД МЕКУНАМ.
БИРАВ! АММО ЗУДТАР!
МАН АНИҚ МЕКУНЕМ, КИ ОЁ СОҲИБИ МЕҲМОНХОНА ЯГОН КАСРО МЕШИНОСАД!
МАН ДАРҲОЛ БАРМЕГАРДАМ!
ЭЙ!
ЗАНИ МАН!
ЧӢ ШУДААСТ?
КӮДАК ҲАМИН ҲОЛО ТАВАЛЛУД МЕШАВАД! БА МО МОМОДОЯ ДАРКОР АСТ!
НАЗДИ ЗАНАТ БАРГАРД!
МАН ЯГОН КАСРО МЕЁБАМ!
ОНҲО БА ЗУДӢ ИН ҶО МЕОЯНД.
ҲАМААШ ХУБ МЕШАВАД.
МАН МЕДОНАМ.

ЛУҚО 2:6


МАН КАСЕРО ЁФТАМ.
ШУМО ПАДАР ҲАСТЕД?
МАН ШАВҲАРИ Ӯ ҲАСТАМ.
ШУМО, МАРДОН, МАБОЯД ДАР ИН ҶО БОШЕД.
ДАР ҲАҚҚИ ОНҲО ҒАМХОРӢ КУНЕД!
ИН КӮДАКИ МАХСУС АСТ!
ҲА, ҲА, МО МЕДОНЕМ.
ШУМО ҲАҚИҚАТАН БОЯД РАВЕД.
ХӮШ, ДУХТАРАК, БА МАН ГӮЕД, КИ ЧИРО ҲИС МЕКУНЕД.
ҲАМААШ ХУБ АСТ, ТУ ХУБ АЗ ӮҲДААШ МЕБАРОЙ.
ИН АЗ ҲАД ЗИЁД АСТ! МАН НАМЕТАВОНАМ!
ҲАНГОМЕ ҲИС МЕКУНӢ, КИ ДАРД ФАРО МЕРАСАД, БОЯД ЧУНИН КУНӢ...

ЛУҚО 2:7






ЛУҚО 2:8-12


ДАР САҲРОҲОИ НАЗДИК ЧЎПОНОН РАМАҲОИ ХУДРО МЕЧАРОНДАНД.
БОБОҶОН, НАХОД ҲАМАИ МО БОЯД ДАР ИН ҶО БОШЕМ?
ИН ҶО ХУНУК АСТ, МАН АЛЛАКАЙ ХАСТА ШУДААМ!
ОҲ, ТОБИН! ЧӢ ТАВР ДАР ИН ШАБИ ДИЛПАЗИР ИН ҶО БУДАН БА ТУ МАЪҚУЛ НЕСТ!
МО ГАРОНБАҲОТАРИН МАВҶУДОТРО НИГАҲБОНӢ МЕКУНЕМ!
ИН ГЎСФАНДОН ПАШМ МЕДИҲАНД, ТО КИ ОДАМОН ГАРМ ШУДА ТАВОНАНД; ГЎШТ ВА ПАНИР, ТО КИ ОДАМОН СЕР БОШАНД; ВА ШИР, ТО КИ ТАШНАГИИ ОДАМОН РАФЪ КАРДА ШАВАД!
ХУДИ ПОДШОҲ ДОВУД ЧЎПОН БУД – ЭҲТИМОЛ, РАМАИ МО АЗ НАСЛИ ЯКЕ АЗ РАМАҲОИ ЎСТ!
ВА ШОЯД БАЪЗЕ БАРРАЧАҲОЕ КИ ИН МЕШҲО ТАВАЛЛУД МЕКУНАНД, БАРОИ ГУНОҲҲО ҚУРБОНӢ КАРДА МЕШАВАНД...
ЧӢ РЎЙ ДОДА ИСТОДААСТ?
БОБОҶОН, НИГОҲ КУН
НАТАРСЕД.
ҲОЗИР ДАР БАЙТ-ЛАҲМ, ШАҲРИ ДОВУД, БАРОЯТОН НАҶОТДИҲАНДА ТАВАЛЛУД ШУД!
Ў МАСЕҲ, ХУДОВАНД АСТ!
ШУМО КЎДАКРО ПАРПЕЧШУДА МЕЁБЕД.
ЛУҚО 2:13-14


ХУДОРО ҶАЛОЛ БОД ДАР АРШИ АЪЛО! ОСОИШ БАР ЗАМИН, ХУШНУДИИ Ӯ БАР ОДАМОН!


БУБАХШЕД, МО...
БА МО ГУФТАНД, КИ... ЯЪНЕ БА МО ХАБАР ДОДАНД, КИ...
ФАРИШТАҲО ГУФТАНД, КИ ИН ҶО КӮДАКЕ КИ МАСЕҲ АСТ, ТАВАЛЛУД ШУД!
ФАРИШТАҲО?
ФАРИШТАҲО. ҲАЙРОН ШУДЕД?
ОНҲО ГУФТАНД, КИ КӮДАК ДАР ОХУР ХОҲАД БУД – ВА ИН ЯГОНА ОХУРЕСТ, КИ МО ДАР ОН КӮДАКРО ЁФТЕМ!
МО ҲАМАИ ОХУРҲОРО ТАФТИШ КАРДА ДИДЕМ!
ИН ӮСТ?
ҲА.
Ӯ ЧӢ НОМ ДОРАД?
ИСО.
ИН МАЪНОИ ОНРО ДОРАД, КИ...

ЛУҚО 2:21


«...ХУДО НАЧОТ АСТ».

"THE BIBLE EXPLAINED IN EVERY LANGUAGE."





# SUPERBIBLE.TV